**"Тасдиқ мекунам"**
**Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**
**д.и.т., профессор Усмонзода А.И.**

**"___" ____09____ соли 2022**

# ХУЛОСАИ
## кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

Диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзуи "Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги факултети иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷро гардидааст.

Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич 6-уми январи соли 1996 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шуда, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маълумоташ олӣ буда, соли 2017 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси хадамоти гумрук, соли 2019 зинаи магистратура аз рӯи ихтисоси "Молия ва қарз" ва соли 2022 докторантураи донишгоҳи номбурдаро бомуваффақият хатм намудааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2020 ба ҳайси ассистент-коромӯзи кафедраи кори бонкии ДДҲБСТ оғоз намуда, баъдан ба ҳайси нозири шуъбаи тарбия (феврал-марти соли 2021) ва таъминотчии шуъбаи маъмуриву хоҷагидории МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" фаъолият бурда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич таҳти унвони "Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" бо қарори № 4 аз 28-уми ноябри соли 2019 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамадраҳим Мирзораҳимович мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзуи "Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) чунин хулоса қабул карда шуд.

**1. Баҳодиҳии мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Талабот ба сифати иқтидори меҳнатӣ дар натиҷаи рақобат дар бозори меҳнат, ки дар натиҷаи истифодаи техникаи нав ва технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ба миён омадааст, пурзӯр мешавад. Дар натиҷа, номутаносибии талабот ва пешниҳоди иқтидори меҳнат ва мушкилот дар идоракунии иқтидори меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, ҳалли масъалаҳои идоракунии иқтидори меҳнат дар таъмини рушду нумӯи иқтисодии минтақа муҳим аст. Омӯзиши идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодии минтақа дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо дар шароити пурзӯршавии равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунаи аҳолӣ хеле муфид аст.

**2. Саҳми шахсии муаллиф дар раванди таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои амалисозии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва вазифаҳои тадқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф баргузор шудаанд. Муаллиф дар коркарди механизмҳои ташаккули рақобатпазирии низоми иқтисодии минтақавии вилояти Суғд ва истифодаи пурраи иқтидори он саҳми арзандаи худро гузошт. Дурустӣ ва асоснок будани натиҷаҳои тадқиқот тавассути асосноксозии методикаи таҳқиқ, пешниҳоди додаҳои таҷрибавӣ, ки дурустии фарзияҳои ироашуда ва инчунин тавсифи натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамоянд, таъмин карда мешавад.

**3. Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Асосҳои назариявӣ, ташхиси илмӣ, иқтисодӣ, усулҳои баҳодиҳии ташхисӣ ва таҳлили таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мебошад. Инчунин барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, дар байни онҳо усулҳои таҳлили системавии иқтисодӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва омории коркарди иттилоот истифода шудааст.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот** аз рушди назарияи иқтидори меҳнат ва тавсияҳои амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори меҳнат баҳри таъмини рушди иқтисодии минтақа мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини рисолаи илмӣ, ки унсурҳои навовариҳои илмӣ доранд, инҳоянд:

• дар асоси таҳлили таърифҳои мухталифи мазмуни иқтидори меҳнатии минтақа, муҳтавои он ғанӣ гардонида шудааст. Иқтидори меҳнатии минтақа маҷмӯи имкониятҳои аҳолии қобили меҳнати минтақа мебошад, ки дар асоси ҳувияти аҳолӣ, қобилияти баланди мутобиқшавӣ ба шароити душвори зиндагӣ, хусусиятҳои рушди таърихии минтақа ва ғайра мебошад;

• исбот шудааст, ки идоракунии иқтидори меҳнат дар вилояти Суғд аз тағйироти сохтории шуғли аҳолӣ, мувозинати байни талабот ва пешниҳоди иқтидори меҳнат аз рушди инноватсионии илм, техника ва технология вобаста аст;

• вижагиҳои идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа ошкор шудаанд: қисми асосии машғули аҳолиро дар иқтисодиёт ҷавонони дорои тахассуси

нокифоя ташкил медиҳанд; занони бекор; "мутобиқсозии маҷбурӣ"-и идоракунии иқтидори меҳнат ба музди меҳнати паст; норасоӣ ё набудани кормандони тахассусманд дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти минтақа; сабру таҳаммул ба шароити душвори зиндагӣ ва меҳнат, динамикаи (пӯёи) афзояндаи афзоиши табиии аҳолӣ, ки барзиёдии иқтидори меҳнатиро ба миён оварда, "вазъи бисёр мушкил"-и иқтидори меҳнатиро дар бозори меҳнат боз ҳам тезу тунд мегардонад;

• исбот шудааст, ки ба самаранокии идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар минтақа зудҳаракатии баланди он ва таъсири унсури ғайрирасмӣ, ки идоракуниро дар шароити иқтисоди бозорӣ "нозук ва заиф" мегардонад, таъсир мерасонад. "Нозукӣ ва заифӣ" дар идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа бо маълумоти маҳдуд ва "таҳрифшуда" дар бораи бозори меҳнат дар минтақа, самаранокии "паст"-и хадамоти шуғли аҳолӣ дар идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар минтақа муайян карда мешавад;

• самтҳои асосии рушди низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа муайян карда шудааст: баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ; такмили чараёни рушди бозори меҳнат дар вилояти Суғд; такмили механизмҳои идоракунии давлатии иқтидори меҳнатӣ.

**5. Мақсад ва вазифаи таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ ҷамъбаст ва таҳияи муқаррароти назариявию методологӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо барои идоракунии самараноки иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодии минтақа мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсади пешбинишудаи диссертатсия, муаллиф вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- таҳқиқи муҳтавои иқтисодии иқтидори меҳнат чун объекти идоракунӣ;
- баррасӣ намудани равишҳои методологӣ ба арзёбии истифодаи иқтидори меҳнатии минтақа;
- муайян намудани хусусиятҳои ташаккул, истифода ва идоракунии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд;
- омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоию демографӣ ва иқтисодии ташаккулёбии иқтидори меҳнатии минтақа;
- ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои пешгӯии шумораи иқтидори меҳнатӣ, талабот ба он, бекорӣ ва ба қадри кофӣ истифода набурдани иқтидори меҳнат дар бозори меҳнати минтақа;
- таҳқиқи рушди бозори меҳнат дар вилояти Суғд бо назардошти таъмини рушди иқтисодӣ.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Коркардҳои консептуалии классикон ва олимони муосир, иқтисоддонҳо оид ба масоили ташаккулёбӣ, истифодабарӣ ва идоракунии иқтидори меҳнат ва шуғли аҳолӣ

ташкил доданд. Ҳамчунин, таҳқиқоти назариявии олимони бурунмарзӣ ва ватанӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни ташаккул, истифода ва идоракунии иқтидори меҳнат, шуғли аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва сиёсати давлат дар соҳаи фаъолият ва танзими иқтидори меҳнат.

Тадқиқот аз хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат аст, ки онҳоро ҳангоми таҳияи тадбирҳои давлатӣ ва минтақавӣ оид ба идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ бо назардошти сатҳи ривоҷу равнақи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таҳияи курсҳои таълимӣ ва махсус: “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисодиёти минтақавӣ”, “Танзими давлатии иқтисодиёт” истифода бурдан мумкин аст.

**7. Мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Натиҷаҳои таҳқиқот ба шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

***А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:***

[1-М]. Негматов Ш.Л. Сохтори иқтидори меҳнатӣ ва равияҳои методии арзёбии истифодаи он дар минтақа / Ш.Л. Негматов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2022. – №3(62). – С.139-143.

[2-М]. Негматов Ш.Л. Танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат / Ш.Л. Негматов, Исмоилов М.М. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2020. – №2(53). – С.42-48.

[3-М]. Негматов Ш.Л. Шакл ва тарзҳои пардохти меҳнат дар минтақа / Ш.Л. Негматов // Ахбори ДДҲБСТ. – 2021. – №2(87). – С.56-61.

[4-М]. Негматов Ш.Л. Танзими иҷтимоӣ-меҳнатии пардохти меҳнат дар минтақаҳо / Ш.Л. Негматов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2021. – №3(58). – С.165-169.

[5-М]. Негматов Ш.Л. Вусъати шакл ва тарзҳои пардохти меҳнат дар минтақаҳо. Ш.Л. Негматов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2021. – №3(58). – С.170-174.

[6-М]. Негматов Ш.Л. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар пардохти музди меҳнат дар минтақа / Ш.Л. Негматов, Исмоилов М.М. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2020. – №2(53). – С.36-41.

*Б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:*

[7-М]. Негматов Ш.Л. Манфиатҳои иқтисодӣ асоси муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар иқтисодиёти минтақа / Ш.Л. Негматов // Саноатикунонии босуръат: таърих ва замони муосир: маводи конференсияи вилоятӣ (ш. Хуҷанд, 1 ноябри соли 2019) – Хуҷанд, 2019. – С.53-65.

[8-М]. Негматов Ш.Л. Моделирование процесса оплаты труда на промышленных предприятиях / М.М. Исмоилов, Ш.Л. Негматов // "Экономическая эффективность металлургической и автомобильной отраслей промышленности в Республике Таджикистан" материалы республиканской научно-практической конфренции (г. Бустон, 28 декабря 2019 года) – Бустон, 2019. – С.29-34.

[9-М].Негматов Ш.Л. Социально-трудовые отношения на промышленных предприятиях экономики региона / Исмоилов М.М., Ш.Л. Негматов // "Экономическая эффективность металлургической и автомобильной отраслей промышленности в Республике Таджикистан" материалы республиканской научно-практической конференции (г. Бустон, 28 декабря 2019 года) – Бустон, 2019. – С.34-38.

[10-М]. Негматов Ш.Л. Моҳияти саноатикунонӣ ва рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа / М.М. Исмоилов, Ш.Л. Негматов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии омӯзгорон, муҳаққиқони ҷавон, бахшида ба эълон гардидани солҳои 2019-2020 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Хуҷанд, 30 апрели 2020) – Хуҷанд, 2020. – С. 14-18.

[11-М]. Негматов Ш.Л. Моҳият ва аҳамияти пардохти музди меҳнат дар иқтисодиёти минтақа / Ш.Л. Негматов, М.М. Исмоилов // Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ: маводи конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳӣ (ш. Хуҷанд, 2020) – Хуҷанд, 2020. –С.168-171.

Диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзуи "Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқаррargардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 11 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

Тарафдор – 11 нафар
Муқобил – нест
Бетараф – нест

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 29-уми августи соли 2022 протоколи №1/1 қабул шудааст.

**Раиси маҷлис,**
Мудири кафедраи идоракунии
иқтисодиёт ва маркетинги МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
н.и.и., дотсент **Сатторова М.Р.**

**Котиби маҷлис,**
сармуаллими кафедраи идоракунии
иқтисодиёт ва маркетинги МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Ҳотамов А.Р.**

Имзоҳои Сатторова М.Р. ва Ҳотамов А.Р.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси** МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Наврӯзов Э.М.**

Суроға:
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (+992 3422) 6-52-73,
Факс: (+992 3422) 6-75-18.
E-mail: hgu – rector@hgu.tj.